# ФАРМОИШ

Дар бораи тасдиқ намудани Дастурамал
«Дар бораи тартиби ҳисоб ва пардохт намудани андоз аз
фурӯш (нахи пахта ва алюминийи аввалия)

Мутобиқи муқаррароти қисми 5 моддаи 261 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон

**ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:**

1. Дастурамал «Дар бораи тартиби ҳисоб ва пардохт намудани андоз аз фурӯш (нахи пахта ва алюминийи аввалия) тасдиқ карда шавад (замима мегардад).
2. Дастурамали мазкур ба Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои бақайдгирии давлатӣ пешниҳод карда шавад.
3. Раёсати молиявию-хоҷагидорӣ Дастурамали мазкурро дар рӯзномаи «Ҷумҳурият» нашр намуда, барои ба мақомоти ҳудудии андоз ва андозсупорандагон дастрас намудани он чораҳо андешад.
4. Зербанди «г» банди 1 фармоиши Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 декабри соли 2012, №15-ф «Дар бораи тасдиқ намудани шаклҳои эъломияҳо ва ҳисобҳои андоз», ки дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 21 декабри соли 2012, таҳти №546 «б» бақайди давлатӣ гирифта шудааст 1 хориҷ карда шавад.
5. Фармоиши мазкур пас аз бақайдгирии давлатӣ ва интишори расмӣ аз санаи 1 январи соли 2013 мавриди амал қарор дода шавад.
6. Назорати иҷрои Фармоиши мазкурро ба зиммаи худам вогузор менамоям.

**Раис** **Н. Давлатов**